# 21776 - Ҳукми танҳо дар рӯзи Ошуро рӯза гирифтан

**савол**

Оё ҷоиз аст, ки танҳо дар рӯзи Ошуро рӯза бигирам, бидуни ин ки як рӯз пеш аз он (рӯзи Тосуъо, рӯзи нӯҳуми моҳи Муҳаррам) ё як рӯз баъд аз он рӯза бигирам?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Шайху-л-ислом гуфтааст: Рӯзаи рӯзи Ошуро каффораи (гуноҳони) як сола мебошад ва танҳо дар он рӯз рӯза гирифтан макруҳ намебошад .. Ал-Фатово-л-кубро, ҷилди: 5

Дар китоби "Туҳфату-л-муҳтоҷ"-и Ибни Хаҷари Ҳайтамӣ омадааст: Оиди рӯзаи рӯзи Ошуро бошад, танҳо дар он рӯз рӯза гирифтан ҳеҷ боке надорад. Ҷилди 3, боби рӯзаи нофила

Ба Кумитаи доимӣ ин савол матраҳ карда шуд, дар ҷавоб гуфтанд:

"Рӯзаи рӯзи Ошуро бо танҳоӣ ҷоиз аст, аммо як рӯз пеш аз он ва ё як рӯз баъд аз он рӯза доштан беҳтар аст. Ин суннати собитшуда аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мебошад, ки фармудааст: "Агар то соли оянда боқӣ бимонам, дар рӯзи нӯҳум руза мегирам".   Ривояти Муслим (1134). Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) гуфтааст: "Яъне бо ҳамроҳии рӯзи даҳум".

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.

Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ (11/401).